ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология пешниҳод гардидааст.

Пандемияи COVID-19 дар таърихи инсоният собит намуд, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз рушди илми тиб ҳоло низ метавонанд бемориҳои сироятие таҳдид намоянд, ки организми одамон бар зидди инҳо масуният надошта бошад ва гирифторшавӣ ба ин бемориҳо боиси ориза ва марги шумораи зиёди одамон гардад. Паҳнёбии вируси SARS-CoV-2 соли 2019 боиси пандемияи бемории COVID-19 гашт, ки ҳангоми он асосан вайроншавии вазифаи физиологии шушҳо дар натиҷаи илтиҳоб, ҳамчунин иллати дигар узвҳо дар натиҷаи илтиҳоб ва аксуламали масуният мушоҳида карда шуд.

Гарчанде, уи доир ба омӯзиши таъғйирёбии равандҳои физиологӣ ва биохимиявии организми беморони COVID – 19 солҳои пандемияи беморӣ таҳқиқоти зиёде анҷом дода шуда бошад ҳам натиҷаҳо хулосаи якхела надоранд ва дар як қатор ҳолатҳо баҳсталаб боқӣ мемонанд.

Таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиши динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони COVID-19 равона карда шудааст.

Муҳаққиқи таҳқиқоти илмӣ мавзӯи барои соҳаи физиология ва биохимияи тиббӣ хеле мубрамро интихоб намуда, хулосаҳои илмӣ иҷроиши мақсаду вазифаҳо таҳқиқоти илмиро пурра инъикос менамоянд.

Муҳаққиқи таҳқиқоти илмӣ муайян намудааст, ки дар натиҷаи беморӣ бинобар сабаби вайроншавии вазифаи шушҳо дар натиҷаи илтиҳоб мубодилаи газҳо вайрон шуда, фишори партсиалии pCO2 баланд шуда, фишори партсиалии pO2 паст мешавад. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки pH хуни шараёнии беморон ба тарафи кислотавӣ майл намуда, боиси ташаккули атсидоз мегардад.

Яке аз ҳолатҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти лабораторӣ хуни беморон ошкор гарддидааст, баландшавии миқдори лейкотситҳо, бахусус нейтрофилҳо мебошад. Ҳолати мазкур махсусан дар беморони дараҷаи вазнин бештар мушоҳида карда шудааст, ки шиддатнокии илтиҳоб ва ҳалалдоршавии равандҳои физиологӣ дар бофтаҳои шуш дарак медиҳад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои лахташавии хун нишон додаст, ки дар беморони COVID-19 вақти умумии лахташавии хун дар муқоиса бо меъёр ду маротиба кӯтоҳ гардида, вақти протромбинӣ, таносуби байналмилалии муқарраршуда ва вақти . қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ паст гашта, миқдори фибриноген баланд мешавад. Ҳолати мазкур ба вайроншавии фаъолияти физиологии рагҳои хунгард оварда расонида, метавонад боиси ташаккули суддаҳо (тромбҳо) дар онҳо гардад.

Муаллиф муайян намудааст, ки дар беморони COVID-19 дар баробари вайроншавии вазифаи шушҳо инчунин вайроншавии вазифаи ҷигар мушоҳида карда мешавад, ки он дар баландшавии фаъолнокии ферментҳои аминотрансферазаҳо ва билирубини умумӣ инъикос меёбад.

Вайроншавии вазифаҳои узвҳои ҳозима ва шошарон боиси дар организми беморон камшавии миқдори электролитҳо, аз ҷумла натрий, калий ва калтсий мегардад, ки дар навбати худ ҳолати мазкур ба вайроншавии фаъолияти дигар узвҳо, аз ҷумла дилу рагҳои хунгард оварда мерасонад.

Таҳқиқҳои лабораторияи ҳуҷайраҳои хун нишон додааст, ки дар беморони COVID-19 миқдори эритротситҳо ва гемоглобин зиёд мегардад. Муаллиф ҳолати мазкурро мавриди таҳқиқ ҷой дода, муайян намудааст, ки он дар ҷавоб ба пастшавии таъминшавии бофтаҳо ва узвҳо бо оксиген дар натиҷаи вайроншавии мубодилаи газҳо ба вуҷуд меояд.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки тадқиқот бо истифода аз усулҳои муосири лабораторӣ гузаронида шудааст. Ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, усулҳои истифодашудаи таҳқиқ ва муқоисаи натиҷаҳо бо маълумоти адабиёти илмӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки хулосаҳои илмӣ асоснок карда шаванд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 4 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт, ки 161 сарчашма, аз ҷумла 40 ватанӣ ва 121 хориҷиро дар бар мегирад. Натиҷаи таҳқиқот дар 14 ҷадвал, 5 расм ва 27 диаграмма инъикос ёфтаанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат фаъолияти илмии муаллифро оид ба мавзуи тадқиқот тасдиқ менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ва 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ аз чоп баромадаанд.

Мазмун, самтҳои тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба шаҳодатномаи ихтисоси 1.5.34. Физиология мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», тадқиқоти илмии мустаъқилона анҷомёфта буда, ба ҳалли масъалаи муҳими физиология равона шудааст. Дар он натиҷаҳои мушаххаси илмӣ оид ба таъғйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хуни беморони COVID-19 ба даст оварда шуда, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаи физиология ва биохимияи тиббӣ оварда шудаанд. Бо дарназардошти мазмун, навгонии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», ба талаботи Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология мебошад.

Дотсенти кафедраи физиологияи нормалии
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино,
номзади илмҳои тиб, дотсент Шукурова Н.Я.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н.Сино, куч. Сино 29-31
Тел.: +(992) 446-600-3977, 2-35-34-96
Почтаи электронӣ: info@tajmedun.tj
“ 7 ” 11 2026с.

Имзои Шукурова Н.Я.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати рушди кадрӣ Сафарзода Б.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н.Сино, куч. Сино 29-31
Тел.: +(992) 446-600-3977, 2-35-34-96
Почтаи электронӣ: info@tajmedun.tj
“ 7 ” 11 2026с.